# ПРОТОКОЛИ №3

## ҷаласаи шурои ҳимояи якдафъаина дар заминаи шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-057 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи АМИТ

13-уми майи соли 2025 ш.Душанбе

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 17 нафар аъзои шуро 13 нафар

**Раиси шуро:** д.и.г.-м., Валиев Ш.Ф. Дар ҷаласаи имрӯза аз 17 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №163/ҳя тасдиқ шудааст, 13 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод гардид, ки кори шуро оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш мнеамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**<u>РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:</u>**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резерват биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география).

**Баромад намуданд:** Раиси шурои диссертатсионӣ Валиев Ш.Ф. қайд намуд, ки дар бораи ташкили ҳимояи якдафъаинаи диссертатсияи Раҳимзода Б.А. аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025, №163/ҳя иҷозат дода шудааст. Инчунин котиби илмии шуро Ғайратов М.Т. ва аъзоёни шурои диссертатсионӣ Ғафуров Ф.Г. ва Амонатзода М.А. баромад намуда иброз доштанд, ки диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия пешниҳод карда шавад.

## ҚАРОР КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи Раҳимзода Бахтиёр Абдулаҳад унвонҷӯи Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи АМИТ дар мавзуи «Шароитҳои геоэкологӣ ва дурнамои рушди сайёҳии экологӣ дар ҳудуди Резерват биосферии Ромит» барои дарёфти дараҷаи илмӣ, номзади илмҳои география аз рӯи ихтисоси 25.00.36 – Геоэкология ва идоракунии истифодабарии табиат (25.00.36.02 – Соҳаи илмҳои география) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

- доктори илмҳои геология ва минералогия Файзиев Ф.А.
- номзади илмҳои география Амонатзода М.А.
- номзади илмҳои география Хоҷаева А.Ҳ.

**Натиҷаи овоздиҳӣ:** тарафдор – 13 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона ҷонибдорӣ гардид.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои геология ва минералогия Валиев Ш.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Ғайратов М.Т.